# ҲИСОБОТИ

**фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати устодону профессорони Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикиситон барои соли 2004**

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати устодону профессорони Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 мутобиқи асноди меъёрии давлативу идоравие: ки корҳои илмиро дар муассисаҳои олии таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ ба танзим медароранд: ба анҷом расонида шудааст. Раванди корҳои илмиву тадқиқотӣ ва ба ҳисобгирии натиҷаҳои онҳо дар Академия: тибқи Оинномаи Академияи ВКД ва Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2004 муайян карда шуда буданд.

ФИТ-и ҳайати устодону профессорон ва шунавандагон аз тарафи Шӯъбаи илм ва табъу нашр ташкил ва ҳамовоз карда мешавад. Банақшагирӣ: баҳисобгирӣ ва назорати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар нақшаҳои кафедраҳо ва нақшаҳои инфиродии ҳайати профессорону-муаллимон инъикос ёфта: дар Шӯъбаи илм ҷамъбаст карда мешаванд.

Натиҷаҳо ва самтҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар ҷаласаҳои кафедра: маҷлисҳои якҷояи Шӯъбаи илм ва кафедраҳо: маҷлисҳои таъҷилӣ дар назди сардори Академия ва Шӯрои илмии Академия пайваста муҳокима мешаванд.

Кори илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2004 ба самти фаъолияти худ мувофиқ буда: мақсади коркарди лоиҳаҳои қонунгузорӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқиро дар доираи мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо: такмил додани фаъолияти мақомоти корҳои дохила: таъмини тайёр намудани мутахассисони варзида: инчунин кадрҳои илмӣ-педагогиро пешбинӣ мекунад.

Мавзӯи илмӣ-тадқиқоти Академия ба як проблемаи калони комплексӣ алоқаманд карда шудааст: ки самтҳои асосии тадқиқоти илмиро ташкил мекунад% «***Системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ% таърих: имрӯз: оянда***». Бояд таъкид кард: ки ин равиш ба вазифаҳои дар назди Академия гузошташуда дар мавриди тайёр намудани мутахассисон барои системаи ВКД-и ҶТ мувофиқат мекунад.

Актуалӣ будани мавзӯъҳои мавриди коркард қароргирифта иборатанд аз%

- таҳия кардани пешниҳодот доир ба қонунгузорӣ;
- таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаҳои амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- коркард ва омода намудани пешниҳодҳо баҳрои самаранок гардонидани фаъолияти таълимӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ;
- бо назардошти шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва криминогенӣ таълиф намудани адабиёти таълимӣ;
- пайваста такмил додани қонунгузорӣ.

Тадқиқоте: ки аз ҷониби ҳайати устодону профессорони Академия анҷом дода мешавад: бахри коркарди ҳам проблемаҳои тадқиқоти бунёдӣ ва ҳам проблемаҳои амалии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву ҳуқуқтатбиққунӣ: инчунин раванди таълимию тарбиявӣ равона карда шуда буданд.

## *НАТИҶАҲОИ ИҶРОИШИ НАҚШАИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР СОЛИ 2004 ЧУНИНАНД%*

Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и ҶТ аз 3 боб иборат буда: бандҳои зеринро дар бар мегирад%

**- нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳамкориҳои байналхалқӣ: ки дорои ҳамагӣ 32 зербанд аст**;

**- нақшаи гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ** (ҳам доктoриву ҳам номзадӣ)**: ки ҳамагӣ иборат аз 18 зербанд мебошад;**

**- нақшаи доир намудани конфронсу семинарҳо ва мизи мудаввар: ки аз 15 чорабинӣ иборат аст.**

Дар ҷарайёни иҷроиши Нақшаи мазкур: вобаста ба банди 1-ум (**нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳамкориҳои байналхалқӣ**) маводи зерин ба табъ расонида шудаанд%

1. **<u>Монография%</u>** 3-то%

а) **Солиев К.Х**. Практические рекомендации сотрудникам правоохранительных органов Республики Таджикистан в борьбе с торговлей людьми. Душанбе. 2004. -176 с.;

б) **Солиев К.Х.** Судебно-разъяснительная деятельность. Теоретико-методологический аспект. Душанбе. 2004. -90 с.;

в) **Розикзода А.Ш.** История формирования и деятельности милиции в Таджикистане. Часть-2. Душанбе. 2004. -150 с.;

2**. <u>Китобҳои дарсӣ</u>** (учебник)% 1-то%

а) **Сотиволдиев Р.Ш.** Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: 2004. -520 саҳ.

3. **<u>Дастурҳои таълимӣ</u>** (учебные пособия)% 4-то%

а) **Халиков А.Г**. Древнее уголовное право таджиков. Душанбе. 2004.-102 с.;

б) **Халиков А.Г**. Экологическое право и права водопользования древних таджиков. Душанбе, "Ирфон". 2004. -70 с.;

в) **Сафаров И.Д.** Государство Саманидов: устройство власти. Душанбе. 2004.-59 с.;

г) **Раҳматҷонов А.: Оқилова М.** Ҳуҷҷатҳои мурофиавии мақомоти тафтишоти пешакӣ. Хуҷанд. 2003 (2004). -467 с.

4. **<u>Дастурҳои таълимӣ-методӣ%</u>** 3-то%

а) **Ямакова З.Д.** Учебно-методическое пособие для проведения лабораторных работ по криминалистической технике. Душанбе. 2004. -72 с.;

б) **Махкамов Ш.Х. Асламов Б.С.** Использование элементов развивающего обучения при проведении занятий. Душанбе. 2004. -18 с.;

**в) Асламов Б.: Маҳмадов С.** Ташкили кори фардӣ-тарбиявии шунавандагони муассисаҳои таълимии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2004 сӯ -16 сӯ

5. **<u>Маҷмӯи корҳои илмӣ</u>** (Сборник научных трудов)% 1-то

а) Труды Академии МВД. Выпуск 7. (муҳаррири масъул Ш. Саймуддинов - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ. Ҳайати таҳрия% К.Ҳ.Солиев - номзади илмҳои ҳуқуқ: А.Ш.Розиқзода - доктори илмҳои таърих: А.М.Абдулов: Н.Д.Назаров - номзадҳои илми таърих: М.Ҳ.Ғафуров - номзади илмҳои техникӣ: К.С.Саидолимов - номзади илмҳои филологӣ ва Г.З.Азизова - муаллимаи фак. 1) Душанбе. 2004. 186 с.).

6. **<u>Мақолаҳои илмӣ</u>**% 64-то.

Аз он ҷумла% Сотиволдиев Р.Ш. -1 (бо ҳаммуаллифии Солиев К.Ҳ.); Шарипов Т. -3; Розиқзода А.Ш. -2; Солиев К.Ҳ. -3; Сайфуллоев Н.М.-2; Ҷӯрабоев Г.Д. -4; Холиқов А.Ғ. -9; Абдулов А.М. - 3; Холиқов К. -4; Назаров Н. -3; Шокиров Т. (Фак. №4) -1; Ализода Б.П. - 2; Раҷабов Р.М. - 1; Сайфиддинов А.А. - 1; Саидолимов К.С. -1; Хокироев Р. -1; Сайҳдов Иӯ - 2; Ашуров СӯГӯ - 1; Искандаров З. -1; Бахриддинов С.Э. - 5; Сафаров И.- 2; Буриев Иӯ - 4; Эгамбердиев У. (Фак. №4) -1; Асламов Б - 1; Азизуллоев Ш. 1-то; Абдулатипов У. (Фак. №4) -1; Кенҷаев Ш. (Фак. №4) -2; Пулотов М. (Фак. №4) -1.

Таҳти сарварии ноиби сардори Академия Солиев К.Ҳ. гурӯҳи корӣ дар ҳайати устодону кормандони Академия ташкил карда шуд: ки роҳбарии онро сардори кафедраи Назарияи давлат

ва ҳуқуқ Раҷабов Р.М. ба ӯҳда дорад ва то имрӯз роҷеъ ба паҳлӯҳои мухталифи Қонун "Дар бораи милитсия" чанд нафар омӯзгорон аз қабили Солиев К.Ҳ.: Раҷабов Р.М.: Каримов А.: Сайфиддинов А.: Имомназаров Ф: Самиев Н. ва дигарон мақолаҳои илмӣ-публисистии худро дар рӯзномаи "Сипар" ба табъ расонидаанд: ки ин падидаи нек аст. Баъзе аз мақолаҳо дар якҷоягӣ бо кормандони МКД таълиф гардиданд (Шӯъбаи бақайдгирӣ ва раводид).

7. <u>**Брошюра%**</u> 1-то%

а) **Солиев К.Х.** Проблемы правового регулирования разъяснительной деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан. Душанбе. 2004г. 31 с.

8. <u>**Авторефератҳо**</u>**%** 4-то%

а) **Холиқов А.Г.** Правовая система зороастризма. М. 2004. 37 с.

б) **Солиев К.Х.** Праворазъяснительная деятельность Верховного Суда Республики Таджикистан: общетеоретический аспект. Душанбе. 2004 г. 24 с.

в) **Расулов Т.М.** Проблемы привлечения и использования иностранной инвестиции в развитие сельского хозяйства (на материалах Согдийской области). Душанбе. 2004 г. 22 с.

г) **Джураев Р.З.** Политическая философия Абу Насра Ал-Фараби. Душанбе. 2004 г. 28 с.

9. <u>**Лексияҳо**</u> - нест.

10.<u>**Конспекти лексияҳо**</u> – нест

12. **Пешниҳодҳо оиди такмил додани қонунгузорӣ: санадҳои <u>меъёрии идоравӣ ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ%</u>** <u>13-то%</u>

а) Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (**Солиев К.Ҳ.: Шарипов Т.**- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

б) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" (апрел-2004) (**Солиев К.Х.**);

в) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат бар зидди хариду фурӯши одамон" (апрел-2004) (**Солиев К.Х.**);

г) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судии марбут ба парвандаҳо оиди ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ" (июн-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.**- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

д) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судии марбут дуздӣ: қаллобӣ: ғоратгарӣ ва роҳзанӣ" (июн-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т**.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

е) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судии марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ" (июн-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т**.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

ж) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Доир ба баъзе масъалаҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (июн-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.**- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

з) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 1 аз 25 апрели соли 2001 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушиҳо" (декабр-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т**.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

и) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 5 аз 12 декабри соли 2002 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое: ки ба воситаҳои нашъадор: моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқаманданд" (декабр-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.**- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

к) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 6 аз 12 декабри соли 2002 "Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон" (декабр-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.-** кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

л) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 6 аз 12 декабри соли 2002 "Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ретсидиви ҷиноят" (декабр-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.-** кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

м) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 18 аз 2 октябри соли 2003 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ҷавобгарӣ барои терроризм" (декабр-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.-** кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

н) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 11 аз 29 майи соли 2003 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъин намудани ҷазоҳои иловагӣ" (декабр-2004) (**Солиев К.Х., Шарипов Т.-** кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Назарияи идоракунӣ);

о) Фармони ВКД-и ЧТ таҳти № 001 бо иловаҳо аз 18.03.2003 с. «Об объявлении для руководство и исполёзования в оперативно-служебной деятелёности оперативнӣх служб МВД РТ Сорник оперативнӣх документов по ОРД ОВД» (Кафедраи ФФҶ –**Ҳикматов Ш.Ҳ.**).

13. **<u>Барномаҳои таълимӣ</u>**% 4-то%

а) **Ализода Б.П.** Барномаи таълимӣ аз фанни фарҳангшиносӣ – Душанбе. 2004. –28 с.;

б) **Нарзуллоев С.**А. Информатика (Программа для студентов вӣсших учебных заведений) – Душанбе. Академия МВД РТ. 2004. -12с.

в) **Нарзуллоев С.А.** Барнома аз фанни Информатика (Барнома барои донишҷӯёни макотиби олии ҶТ). Душанбе% Академияи ВКД-и ЧТ, 2004с., -13 с.

г) **Нарзуллоев С.А.** Программа по курсу информатизақия правоохранительных систем. – Душанбе. Академия МВД РТ. 2004. -11с.

14. **<u>Мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо%</u>** 108-то

Солиев К.Ҳ. -15; Розиқзода А.Ш. -5; Иномов М. -15; Назаров Н.; Эгамбердиев -3; Саидолимов К.С. -7; Раҷабов Р.М. -8; Давлатшоева А.-4; Асламов Б. -3; Каримов А. -11; Азизуллоев Ш. -2; Имомназаров Ф. -4; Самиев Н. -5; Боев /. -3; Кучев Н. -2; Сайфиддинов А. -3. Абиров -1. Махкамов Ш. -2.

**15. <u>Буклет - 1</u>%**

а) **Хаитова Р.** Права граждан при задержании. Душанбе. Академия МВД РТ. 2004г. 10 с.

**16.<u>Баромадҳои ҳафтаина дар радиои ҷумҳурӣ</u>** (дар мавзӯи «Тоҷикон дар масири таърих») -**Ализода Б.П**.

**17. <u>Тақризҳо -11;</u>**

**1.** "Национальное согласие и применение - феномен демократизации общества (из опыта Таджикистана)" - диссертақия на соиск. Уч. Степ. **К. поли Т.н. Мансурова Т.А**. **(Саймуддинов Ш.);**

**2**. "Становление и развитие трудового законодательства в Таджикистане" - диссертация на соиск. Уч. Степ. **К.ю.н. Бобокалонов Г.М**. **(Раджабов Р.М.);**

**3**. Симои зан - Модар дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ" - рисолаи **Шофақирова Р.М.** барои дарёфти дараҷаи **илмии номзади илмҳои филологӣ** аз рӯи ихтисоси 10.01.03. **(Хокироев Р);**

**4.** "Жанри ғазал дар назми муосири тоҷик" -рисолаи илмии **Алиризо Қазва** барои дарёфти унвони илмии **номзади улуми филологӣ** аз рӯи тахассуси 10.01.03. -"Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик)" **(Саидолимов К.С.);**

**5.** "Аз таърихи таҳаввули матни повести С.Айнӣ "Марги судхӯр" - рисолаи илмии **Қаландаров Н.А.** барои дарёфти унвони илмии **номзади илмҳои филологӣ** аз рӯи ихтисоси 10.01.13. -"Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик)" **(Саидолимов К.С.);**

**6.** Намунаи ҳуҷҷатҳои мурофиавии мақомоти тафтишоти пешакӣ" -Раҳматҷонов А.: Оқилова М. (**ОН и РИО**);

**7.** "Гражданско-правовые проблемы права на жизнь и здоровье"- диссертация на соиск. Уч. Степ. К.ю.н. **Бабаджанова И.Х**. **(Нодиров Ф., Махкамов Ш.);**

**8.** «Хусусиятҳои лексикии «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ» -рисолаи илмии Усмонова Р**.У.** барои дарёфти унвони илмии **номзади илмҳои филологӣ** аз рӯи ихтисоси 10.01.08. **(Шокиров Т.);**

**9.** Инкишофи луғатнигорӣ дар асрҳои 9 ва ибтидои асри 10 -рисолаи илмии Усмонова Р.У. барои дарёфти унвони илмии **номзади илмҳои филологӣ** аз рӯи ихтисоси 10.01.08. **(Шокиров Т.);**

**10.** Хусусиятҳои луғавии калимаҳои сермаъно (Дар мисоли ашъори Лоиқ Шералӣ) – рисолаи илмии Эшонова Д. барои дарёфти унвони илмии **номзади илмҳои филологӣ** аз рӯи ихтисоси 10.01.08. **(Шокиров Т.);**

**11**. Маҳфузии хусусиятҳои луғавӣ ва қолабҳои грамматики забони тоҷикӣ дар гӯишҳои шимолӣ (Дар асоси маводи осори хаттии садаҳои 10-13). рисолаи илмии Хасанов А. барои дарёфти унвони илмии **доктори илмҳои филологӣ** аз рӯи ихтисоси 10.01.02. **(Шокиров Т.);**

Мавриди таъкид аст: ки натиҷаҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати устодони Академия дар соли равон бо чунин нишондодҳо хотима намеёбанд: зеро аксари маводи илмию методӣ иҷро шудаанд: аммо бо сабабҳои объективӣ рӯи чоп наомадаанд.

Дар марҳилаи сипаригашта: мутобиқи Нақшаи фаъолияти илмию тадқиқотии Академия 30 мавзӯъҳое тадқиқ шуда истодаанд: ки натиҷаҳои онҳо барои такмили фаъолияти ҳуқуқтадбиққунии МКД мусоидат мекунанд. Аз ҷумла%

<u>**Банди 1**</u> ба масоили такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ дошта: аз 6 зербанд иборат аст: ки ба истиснои зербандҳои 1: 2 дигар зербандҳо иҷро шудаанд.

<u>**Банди 2**</u> ба масоили таъмини илмии коркард ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шудааст ва иборат аз 2 зербанд буда: аз ҷониби масъулин (Солиев К.Ҳ. ва Шарифов Т) иҷро шудааст.

<u>**Банди 3**</u> дар бораи таъмини илмии коркарди эзоҳоти роҳбарикунандаи Суди олии ҶТ аст ва аз 2 зербанд иборат мебошад. (масъулин -Солиев К.Ҳ. ва Шарифов Т). Дар иртибот ба ин мавзӯъ 1-адад монография: 1-адад брошюра ва 3-адад мақолаи илмӣ аз ҷониби ноиби сардори Академия Солиев К.Ҳ. ба табъ расонида шудааст: ки болотар ишора гардид.

<u>**Банди 4**</u> -Такмили асосҳои ташкилӣ ва тактикии фаъолияти оперативию ҷустуҷӯии МКД-и ҶТ унвон дошта: ба кафедраи ФФҶ (ОРД) мутааллиқ аст ва ғайр аз зербанди 4 дигар зербандҳо иҷро нашудаанд.

<u>**Банди 5**</u> - Таъмини илмиву методии тадриси фанни ФФҶ ном дошта: аз 3 зербанд иборат аст: ки иҷро нашудаанд.

<u>**Банди 6-7**</u>: ки ба масоили актуалии такмил додани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии МКД ва такмили таълими фанҳои маъмурию ҳуқуқӣ бахшида шудааст: аз 9 зербанд иборат аст. Ғайр аз 11-12 мақолаҳои илмӣ-публисистие (дар бораи шарҳу тафсири Қонун "Дар бораи милитсия"): ки дар рӯзномаи "Сипар" ба табъ расонида шудаанд: дигар зербандҳо иҷро нашудаанд. Аз ҷониби устодони кафедра ягон **мақолаи илмӣ** барои соли 2004 таълиф нашудааст.

Берун аз Нақшаи илмӣ 2 китоб ба чоп омода карда шудааст% "*Дастурамал барои кормандони пайраҳадорию дидбонии МКД- ҶТ*" ва *"Дастурамал барои нозирони минтақавии МКД-и ҶТ*".

<u>**Бандҳои 8-9**</u> ба каф. Мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика тааллуқ дошта: ду самтро дар бар мегирад%

а) такмили асосҳои ташкил ва усули тафтишоти ҷиноятҳо дар мақомоти тафтишоти пешакии ВКД-и ҶТ;

б) таъмини илмӣ-методии таълими ҳуқуқи мурофиавӣ ва криминалистика.

Аз банди 8-ум танҳо зербанди 3 -мақолаҳои илмӣ иҷро шудааст. Мақолаҳои банашррасида бошанд: ба шарҳу тафсири Қонун "Дар бораи милитсия" бахшида шудаанд.

**Банди 9-ум** дорои 5 зербанд буда: ба истисноии зербанди 2-юм -"*Дастури таълимию методӣ барои гузаронидани дарсҳои лабораторӣ оид ба техникаи криминалистӣ*" дигар зербандҳо иҷро нашудаанд.

**Бандҳои 10-11**: ки ба кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ тааллуқ доранд: аз 5 зербанд иборат буда: 2-тои он -Пешниҳодҳо оид ба такмили ҳуқуқ татбиққунии МКД ва таълифи мақолаҳои илмӣ иҷро шудаанд.

**Бандҳои 12-13** : ки ба каф. Назарияи давлат ва ҳуқуқ тааллуқ доранд: аз 10 зербанд иборат буда: ғайр аз зербанди 6 (таълифи мақолаҳо) дигар зербандҳо иҷро нашудаанд. Бояд ёдрас шуд: ки иҷроиши зербандҳои 3 ва 4 мӯҳлатноканд.

**Бандҳои 14-15** ба каф. Фанҳои ҷамъиятӣ дахл дорад ва дорои 10 зербанд аст. Аз 6 зербанди 14-ум танҳо 1-ум ва 3-юм иҷро гаштаанд% иншои монография ва мақолаҳо. Аз банди 15 танҳо зербандҳои 3 ва 4 иҷро шудаанд (мақолаҳо ва "Барномаи Фарҳангшиносӣ"). Лекин чорабиниҳои банақшагирифташуда оид ба омода кардани 1 монография: 2 дастури методӣ: 1 албоми нақшаҳо: 1 дастури методии имтиҳоноти сиёсатшиносӣ иҷро нашудаанд (Назаров Н.: Ҷӯраев Р. ва Ализода Б.).

Қобили қайд аст: ки нақши фаъоли сарвари кафедра: д.и.т. Розиқзода А.Ш. дар таҳия ва ба табъ расонидани маҷаллаи "Паёми Академияи ВКД-и ҶТ": инчунин дар таҳрири дастурамалу барномаҳое: ки аз ҷониби ҳайати устодону олимони Академия омода мешаванд: хеле назаррас аст ва яке аз аъзоёни фаъоли Комиссияи экспертию методии Академия мебошад.

Дастоварди аз ҳама муҳими кафедра -ин ҳимояи рисолаи илмӣ аз ҷониби устоди кафедра Ҷӯраев Р.З. мебошад.

**Банди 16** -Қонунгузории нави граждании ва татбиқи он дар фаъолияти МКД ном дошта: 4 зербандро дар бар мегирад. Ғайр аз зербанди 1 -Дастури методӣ (Махкамов Ш.) дигар зербандҳо иҷро нашудаанд.

**Банди 17** -Такмили омодагии касбию ҷисмонии кормандони МКД ва шунавандагони Академия ном дошта: аз 5 зербанд иборат аст: ки ягонтоаш иҷро нашудааст. Масъул -каф. Омодагии ҷисмонӣ (Аминов Х).

**Банди 18** ба масоили забон ва услуби навишти санадҳои меъёрӣ бахшида шудааст: ки масъули он каф. Забонҳост (Миров С). Дар иртибот ба мавзӯъ: ки дар нақша пешбинӣ гаштааст: ягон зербанд иҷро нашудааст. Вале берун аз нақша мақолаҳои илмии дотсент Хокироев Р. ва мақолаҳои илмӣ-оммавии муаллимаи кафедра Давлатшоева А. ба табъ расидаанд.

**Бандҳои 19-20**: ки ба каф. Математика ва фанҳои муҳандисиву техникӣ тааллуқ дорад: аз 11 зербанд иборат буда: ба проблемаҳои таъсис ва рушди технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили курсҳои информатика ва техникаи махсус бахшида шудааст. Аз банди 19 зербанди 2 -Таълифи монография барои 2 сол (2004-2005) пешбинӣ шудааст: ки мӯҳлатнок аст. Аз банди 20 зербандҳои 3 ва 4 -Таълифи барномаҳо оид ба Информатика ва асосҳои Информатика иҷро шудаасту дигар зербандҳо иҷро нашудаанд. Ҳисобот пешкаш нагардидааст.

**Банди 21** -Такмили раванди таълимию методӣ дар Академияи ВКД ҶТ: дорои 2 зербанд аст: ки ба масъалаҳои зерин бахшида шудаанд%

а) омода кардани дастури таълимию методӣ;

б) интишори мақолаҳо.

Вобаста ба зербанди 1 аз ҷониби методисти шӯъба Маҳмадов С. ва Асламов Б. як дастури методӣ ба табъ расонида шуд: ки қаблан зикр гардид.

Зербанди 2 -Таълифи мақолаҳо иҷро нашудааст. Берун аз нақша сарвари факулта -Отабоева Л. дар таҳрири барномаву дастурҳои таълимӣ иштирок намудааст ва бояд зикр кард:

ки соли равон мавсуф ба Шӯъбаи ғоибонаи адъюнктураи Акдемияи Идоракунии ВКД-и ФР (бахши ҳуқуқ) дохил гардид.

**Бандҳои 22: 23** ба Шӯъбаи таълим тааллуқ дошта: дорои 6-зербанд аст ва иҷро шудаанд. Иҷроиши зербанди 1 - Дастури таълимии "Маданияти сиёсӣ" (Асламов Б.) мӯҳлатнок аст.

Бояд қайд кард: ки иҷро нашудани аксарияти зербандҳои Нақшаи илмии соли 2004 баъзе сабабҳои объективиро дорост ва он ба таври таъҷилӣ иҷро намудани нишондодҳои роҳбарияти ВКД-ро дарбар мегирад. Аз ҷумла: навиштани тафсир ба Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" мебошад: ки бештар ба кафедраҳои Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат ва Ҳуқуқи маъмурӣ дахл доранд. Вале иҷро нагардидани нақшаҳои пешбинишуда аз ҷониби дигар кафедраҳои зикргардида узрнопазиранд.

**Бандҳои 24 то 30** ба фак. 1 (Курсҳои олии академикӣ) вобаста буда: 24 зербандро дар бар мегиранд.

Аз банди 24 (Ғафуров М.Ҳ.): ки дорои 4 зербанд аст: танҳо зербанди 3-юм иҷро шудаасту халос.

**Банди 25** пурра иҷро шудааст (Холиқов А.Г.).

**Банди 26** умуман иҷро нашудааст ва ҳисобот ҳам пешниҳод нагардидааст (Буриев И).

**Банди 27** аз 3 зербанд иборат буда: иҷрои шудааст (Сафаров И.).

**Банди 28** ба истиснои зербандҳои 1: 3 дигар зербандҳо иҷро гардидаанд (Искандаров З.).

**Банди 29** пурра иҷро шудааст (Баҳриддинов С.).

**Банди 30** (профессор Сотиволдиев Р.) аз 3 зербанд иборат буда: пурра иҷро шудааст.

Бояд қайд намоем: ки бо вуҷуди огоҳиҳои чандинкарата (ҳам хаттӣ ва ҳам даҳонӣ) роҳбарияти факултаи 3 (**Ёқубов М.Х.**) ба Шӯъбаи илми Академияи ВКД то ҳанӯз ҳисоботи илмии солонаи ҳайати устодону профессорони факултаро бо сабабҳои номаълум таъмин накардааст: ки чунин саҳлангориву беэътиноӣ: албатта: боиси халалдор гаштани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ хоҳад буд.

Факултети 4 ҳисоботро дар шакли ноқис пешкаш намудааст: ки дар он матбааи нашр: соли чоп ва саҳифаи баъзе маводи интишоргардида дарҷ нашудааст.

Аз факултаи 1 низ (вобаста ба Нақшаи илмӣ) на ҳама устодон ҳисоботи илмии хешро пешниҳод кардаанд (**Ҷӯрабоев М. ва Буриев И**.): ки чунин муносибат барои аниқ кардани миқдори умумии мақолаву маводи батабъррасида ба мо халал расонид.

Комёбии аз ҳама назарраси факултаи 1 ин: албатта: аз ҷониби профессор Сотиволдиев Р.Ш. тайёр намудани 2 номзади илми ҳуқуқ: ки яке аз онҳо муовини сарвари Академия Солиев К.Ҳ. ба шумор меравад ва ҳимояи рисолаи доктории Холиқов А. мебошад: ки қобили дастгирӣ ва боиси ифтихор аст.

Бояд таъкид намоем: ки сарварони баъзе кафедраҳо то ҳанӯз зарурият ва ҷиддӣ будани тадқиқоти илмиро мутобиқи Нақша дарк накардаанд ва чорабиниҳои солонаи илмиро дар мавриди таҳия намудани маводи дахлдор (обзорҳои таҳлилӣ: маълумотномаҳои аналитикӣ) омода накардаанд: ки ташвишовар аст: ҳол он ки иҷрои чунин корҳо ба самти кории кафедраҳо мувофиқат мекунад. Боварӣ ҳаст: ки пас аз ошкор гардидани чунин камбудиҳои ҷиддӣ минбаъд коллективи ин кафедраҳо фаъолияти илмии худро пурзӯр мекунанд.

Соли сипаригашта дар мавриди пешниҳод кардани такмили санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ: тайёр кардани маводи аналитикӣ: маҷмӯи ҳуҷҷатҳо: пешниҳодоти методӣ омода нагардидаанд (**Ҳикматов Ш.: Махкамов Ш.: Ҳаитова Р.: Миров С.: Каримов А.: Хайров М.: Раҷабов Р.: Аминов Х.: Нарзуллоев С.А**.).

Олимони Академия оиди коркарди лоиҳаҳои қонунҳо дар ҳайати гурӯҳҳои корӣ: ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда буданд: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консултативиии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Мисол: Шарипов Т. ва Солиев К.Ҳ. дар ҳайати гурӯҳи корӣ: ки дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст: дар коркарди лоиҳаи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дохил намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консултативии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Солиев К.Ҳ. аъзои се гурӯҳи кории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

оиди имплементатсияи ҳуқуқи башари (гуманитарии) байналхалқӣ: имплементатсияи Статути Римии Суди ҷиноятии байналхалқӣ ба қонунгузории Тоҷикистон ва омодакунии маърӯзаи миллии ҶТ ба Созмони Милали Муттаҳид оид ба шиканҷа мебошад. Профессор Сотиволдиев Р.Ш. ва доктори илмҳои ҳуқуқ Холиқов А.Ғ. аъзои Шӯрои минтақавии диссертатсионии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон мебошад. Як қатор муаллимони Академия (Розиқзода А.Ш.: Сотиволдиев Р.Ш.: Шарипов Т.: Шокиров Т.: Хокироев Р.: Саидолимов К.С.: Раҷабов Р.М.) дар навиштани тақризҳо ба рисолаҳои илмӣ ва фишурдаи онҳо (автореферат) иштирок кардаанд.

**<u>Иҷроиши корҳои диссертатсионӣ</u>**

Дар самти татбиқи тадқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи фасли 2-юми Нақшаи илмӣ: аз 18 мавзӯи банақшагирифташуда 4-тои он иҷро шуд. Аз онҳо% 1- рисолаи докторӣ (Холиқов А.): 3-то рисолаи номзадӣ (Солиев К.Ҳ.: Ҷӯраев Р.З. ва Расулов Т.М.) ҳимоя шуд. Ҳимояи дигар рисолаҳои илмӣ тибқи Нақша дар солҳои оянда пешбинӣ шудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст: ки муассисаи таълимии мо инчунин ба сифати муассисаи пешбурд оид ба ҳимояи рисолаҳои илмӣ баромад мекунад.

**Дар мавриди ҳамкорӣ бо қисматҳои амалӣ**
**<u>дар рафти гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.</u>**

Ҳамкории Академия бо намояндагони амалии мақомоти корҳои дохила ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ дар самтҳои зерин инкишоф ёфтаанд%

а) гузаронидани тадқиқоти якҷояи илмӣ (Худоёрбеков Д.: Солиев К.Ҳ.: Розикзода А.Ш.: Назаров Н.Ч.: Каримов А.)

б) ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ-амалӣ: лексияҳо: семинарҳо бо ҳайати кормандони пойгоҳи хизматии дидбонӣ (ППС): ҳайати шахсии РКД: РКД дар нақлиёт: Раёсати кадрҳои ВКД: Раёсати экспертӣ-криминалистӣ (Солиев К.Ҳ.: Каримов А.М.: Раҷабов Р.М.: Сайфиддинов А.А.: Хаитова Р.: Боев Ҷ.);

в) таълим додан: тайёр намудан ва аз нав тайёр кардани мутахассисон (факултети 1: 2 ва 3).

Тадқиқоти якҷояи илмии Академия бо қисматҳои амалии ВКД барои таъмин намудани эҳтиёҷоти амалия равона шуда: бо такмил додани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Мисол: бо якҷоягӣ бо ВКД дастурҳои таълимиву маҷаллаҳои илмӣ-публисистӣ ва монографияҳо оиди таърихи фаъолияти милитсияи тоҷик омода шуда баъзеи онҳо чоп шуда истодаанд (Худоёрбеков Д.: Солиев К.Ҳ.: Розиқзода А.Ш.: Назаров Н.Ҷ.: Каримов А.).

Айни муддао мебуд: агар бо иштироки якҷояи олимони Академия ва ВКД лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бораи ин ё он самтҳои фаъолиятӣ қисматҳои ВКД тайёр карда шаванд ва аллакай заминаи чунин иқдом гузошта шудааст. Масалан: бо кӯшиши сарвари кафедраи Ҳуқуқи маъмурӣ Каримов А. ду (2) дастурамал пурра тайёр карда шудааст.

**<u>Сафарҳои илмӣ ва хизматӣ</u>**

Кормандони Академия: ки ба сафарҳои илмӣ рафта буданд: дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқию ҷумҳуриявӣ: семинарҳо: курсҳои коромӯзиву мизҳои мудаввар (Шарифов Т. (Москва: Алма-ата): Баҳриддинов С. (Москва): Искандаров З. (Москва): Отабоева Л. (Москва: Бишкек) : Ҳаитова Р. (Америка): Аминов Х (Америка) иштирок намуданд; 1 нафар рисолаи доктории худро дар Москва ҳимоя намуд (Холиқов А.А.); 3-нафар ҷамъоварии маводи заруриро оиди тадқиқоти диссертатсионӣ давом дода истодаанд (Саидов З.: Абдулов А.: Назаров Н.Ҷ.:).

Муаллимон ва курсантон дар спартакиадаю мусобиқаҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ - парондан аз яроқи ҷангӣ: гӯштингирӣ: варзиши сабук: футбол иштирок намуда: соҳиби мукофотҳои гуногун шуданд.

## Барпо намудани конференсияҳои илмӣ: семинарҳо

Соли сипаригашта дар Академия мувофиқи Нақшаи илмӣ 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ ва академиявӣ: 4 - семинари илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалиявӣ (Розиқзода А.: Абдулов А.М.: Раҷабов Р.М.: Миров С.: Каримов А.: Ҳаитова Р.): 1- викторина ташкил ва гузаронида шуд.

Ғайр аз ин: ҳайати профессорону муаллимони Академия дар якчанд конференсияҳои байналхалқию ҷумҳуриявӣ: симпозиумҳои байналхалқӣ ва семинарҳои байналхалқию минтақавию ҷумҳуриявӣ ва мизҳои мудаввари ҷумҳуриявӣ иштирок карданд: ки дар ҳисоботашон ишора гардидааст.

Лекин бояд қайд кард: ки 7 -нишондоди Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ (п.п. 6: 7: 9: 10: 12: 13: 14 қисми 3-юми Нақша) иҷро нашуданд: ки ба кафедраҳои Каримов А.: Нарзуллоев С.: Махкамов Ш.: Раҷабов Р.: Хайров М.: Ҳикматов Ш. тааллуқ доранд.

## Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ

Тибқи қарори Коллегияи муштараки ВКД-и Федератсияи Руссия ва ВКД-и ҶТ "Оид ба равнақ додани ҳамкорӣ дар бахши омода ва аз нав тайёр намудани мутахассисони илмӣ-педагогӣ" моҳи сентябри соли равон аз ҳисоби омӯзгорони Академияи мо 5-нафар омӯзгорон - Абдурашидов А.: Мавлонов Д.: Гадоалиева Н.: Сатторов М. (Шӯъбаи рӯзона) ва Отабоева Л.О. (Шӯъбаи ғоибона) ба Шӯъбаи адъюнктураи Академияи Идоракунии ВКД-и Федератсияи Руссия фиристода шуданд: ки айни замон таҳсилиро идома медиҳанд.

Инчунин яке аз устодони Академияи Идоракунии ВКД-и ФР: профессор Мулукаев Р.С. ба сифати оппоненти расмии муовини сардори Академия Солиев К.Ҳ. ба Душанбе ташриф овард: ки ин боз як иқдоми нек дар густариши робитаҳои илмӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳибунвон ба ҳисоб меравад.

## Корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон

Дар ин самт шаклҳои анъанавии корҳои илмӣ-тадқиқотии шунавандагон: аз қабили фаъолияти маҳфилҳои илмӣ: навиштани корҳои илмӣ: озмуни кори хубтарини илмии курсантон: маърӯзаи илмӣ дар маҳфилҳои илмӣ: иштирок кардан дар конференсияву семинарҳои илмӣ ва илмӣ-амалӣ: вохӯрӣ бо олимони шинохта ва кормандони амалӣ "ғайриқаноатбахш" ва боиси ташвиш мебошанд.

Бояд хотиррасон намоем: ки аз тарафи кафедраи Мурофиаи ҷиноятӣ (Ҳаитова Р) ба викторина ва семинарҳо шунавандагон бештар ҷалб карда мешаванд ва албатта хуб мешуд: ки чунин икдом аз ҷониби дигар кафедраҳо низ амалӣ мегашт.

Конференсияҳо ва мизҳои мудаввари шунавандагон аз тарафи омӯзгорони масъул: ки сарварии маҳфилҳоро ба ӯҳда доранд: барпо намегарданд. Вохӯриҳо бо олимони барҷастаи ҷумҳурӣ: кормандони амалӣ: ходимони ҷамъиятию сиёсӣ ташкил карда намешаванд. Боздиди музею театру виставкаҳо доир намегарданд. Дар конференсияҳои илмие: ки берун аз Академия гузаронида мешаванд: сарвари маҳфилҳо ва кафедраҳо ба иштирок кардани шунавандагон мусоидат намекунанд. Аз ҷониби шунавандагон барои нашр кардан мақолаҳои илмӣ тайёр карда намешаванд. Онҳо барои ҷамъоварӣ кардани маводи таҷрибавию амалӣ дар доираи тадбиқи нақшаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраҳо ҷалб карда намешаванд ва ҳамчунин дар зери роҳбарии муаллимони кафедраҳо дар коркард ва тайёр кардани маводи таълимию методӣ иштирок намекунанд.

Гуфтан лозим аст: ки соли равон аз тарафи Шӯъбаи илм Дастурамал дар бораи корҳои илмӣ-тадқиқотии шунавандагон ба табъ расонида шуда: дастраси кафедраҳо гардид. Натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон дар воқеъ аҳамияти калони амалӣ дошта: барои баланд бардоштани малакаю маҳорати ояндаи касбӣ роли калон мебозанд. Вале: мутаассифона ҳисоботи масъулини кафедраҳо дар ин самт то ҳанӯз нест.

Бо вуҷуди чунин камбудиҳо дар ин самт баъзе корҳо анҷом дода шуд: ки қобили дастгирист. Масалан: шунавандаи соли 3-юм Маркина Наталия дар Конференсияи донишҷӯёни Осиёи

Маркази̅ бо маъру̅заи ҷолиби диққат ширкат варзид: ки он аз ҷониби ҳамагон эътироф гардид. Дастаи КВН (сарвараш Ҳаитова Р.) ташкил карда шудааст: ки барои иштирок дар мусобиқаи ҷумҳурияви̅ омодаги̅ мебинад.

Ин чорабиниҳои амалигардида метавонанд то андозае обру̅ю эътибори Академияи моро дар миқёси дигар муассисаҳои олии таълимии ҷумҳури̅ баланд бардоранд.

Натиҷаҳои фаъолияти илми̅-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 бо дарназардошти корҳои анҷомдодашуда гуфтан мумкин аст: ки "мусби̅"-ст. Ин дастоварду комёбиҳои хело муҳим: пеш аз ҳама: ҳимояи 4-нафар устодони таълимгоҳи мо мебошад (Солиев К.Ҳ: Холиқов А.: Ҷу̅раев Р.З. ва Расулов Т.М.): ки нуфу̅зи Академияи ВКД-ро дар миқёси муассисаҳои илмию таълимии ҷумҳури̅ хело баланд кард. Дар ин самт саҳми Сардори Академия генерал-майори милитсия Саймуддинов Ш.С. ва дастгирии бевоситаи у̅ хело калон мебошад. Инчунин: корҳои зиёди илмии ҳайати профессорону муаллимони Академия: ки барои инкишофи илми тоҷик ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим саҳми сазовор гузоштанд: қобили ёдоварист. Дар ин самт алалхусус фаъолияти чунин олимони Академия дар ин сол назаррас мебошад% Саймудинов Ш.С.: Солиев К.Ҳ.: Розикзода А.Ш.: Сотиволдиев Р.Ш.: Абдулов А.М.: Холиқов А.Г.: Бахриддинов С.: Шарипов Т. ва дигарон.

Як қатор олимони дигари Академия низ дар самти таҳриру такмили маводи таълими̅ ба ҳайси аъзои Комиссияи экспертию методии Академияи ВКД (бо сарварии Солиев К.Ҳ.) саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд. Инҳо Солиев К.Ҳ.: Розикзода А.Ш.: Абдулов А.М.: Ғафуров М.Ҳ.: Раҷабов Р.М. Саидолимов К.С. ва дигарон.

Мутаассифона: соли 2004 аз ҷониби шахсони зерин: ки соҳиби унвонҳои илмианд: мақолаҳои илми̅ таълиф нашудаанд (ҳисоботи онҳо ба Шу̅ъбаи илм пешкаш нагардидааст): Вохидов У.В.: Нарзуллоев С.: Муззазов С.: Нодиров Ф.: Сайфиддинов А.: Саидамиров Б.: Холмуродов Ф.: Ёқубов М.

Дар соли сипаригашта аз ҷониби Шу̅ъбаи илм якчанд маҷлисҳои якҷоя бо кафедраҳо барпо карда шуданд: ки барои рушду равнақ додани фаъолияти илми̅-тадқиқотии онҳо равона карда шуда буданд. Комёбиҳои илмии Академия дар соли равон нисбат ба соли 2003 аз ҳисоби нишондодҳои нақшаги̅ афзудааст. Аксари нишондодҳои пешбинишудаи Нақшаи фаъолияти илми̅-тадқиқотии Академия аз ҷониби устодони унвондор иҷро шудаанд.

Вазъияти ташвишовар асосан дар кафедраҳои ФФҶ (Хикматов Ш.): ФҲГ (Маҳкамов Ш.): ФҲМ (Каримов А.): О/ва/ (Аминов Х.): Забонҳо (Миров С.) ва инчунин дар кафедраҳои факултети 4-ум мебошад: ки дар онҳо иҷроиши талаботи Нақша "ғайриқаноатбахш" аст. Таъкид карда мешавад: ки роҳбарони кафедраҳои мазкур оиди ҷоннок намудани фаъолияти илми̅-тадқиқотии Академия ва бахри иҷроиши Нақшаи он чораҳои заруриро андешанд: зеро чунин вазъият тоқатнопазир аст.

Фаъолияти илми̅-тадқиқотии Академияро барои соли 2004 ба назар гирифта: бо мақсади баланд бардоштани натиҷаҳои он чунин

## ПЕШНИҲОДҲО

пешкаш карда мешаванд%

1) Нафароне: ки дастовардҳои илми̅ доранд: мукофотонида шаванд;
2) Нисбати факултети 3 ва кафедраҳое: ки дастовардҳои илми̅ надоранд: чораҳои зарури̅ андешида шавад;
3) Ҳисоботи сафарҳои илмию хизматии кормандон бояд сари вақт ба Шу̅ъбаи илм дастрас гардад;
4) Мувофиқи Протоколи имзошудаи байни Академияи Идоравии ВКД-и Россия ва Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам вусъат бахшидани такмили ихтисос: тайёр намудани мутахассисон ва кормузи̅: кормандони Академия бисёртар сафарбар карда шаванд;
5) Азбаски кафедраи Тайёрии ҷанги̅ ва ҷисмони̅ то имру̅з ягон натиҷаҳои илмию тадқиқоти̅ надорад: ба сарвари он супориш дода мешавад: ки ду нафар

(Аминов Х. ва Холиқов У.) ба корҳои илмӣ ҷалб карда шуда: то охири сол имтиҳоноти минимумиро супоранд;

6) Самти фаъолияти маҳфилҳои илмии шунавандагон бо мусоидати сардорони кафедраҳо ҷоннок карда шуда: нисбати омӯзгороне: ки дар ин самт масъуланду беэътиноӣ зоҳир кардаанд: чораҳо андешида шавад;

7) Барои иншои китобҳоии дарсӣ: монография: таълифи рисолаҳои илмӣ ва дигар маводи таълимӣ: устодони Академия тибқи имконоти мавҷудаи дар доираи қонун пешбинишуда ба рухсатиҳои эҷодӣ ҷалб карда шаванд;

8) Шояд аке аз сабабҳои дур шудани муаллимон аз корҳои илмиву тадқиқотӣ -ин ба тартиботи ҷамъиятӣ ва маъракаҳои мавсимӣ аз андоза зиёд ҷалб гардидани онҳо бошад. Бинобар ин: ба чунин чорабиниҳо бештар қисми низомӣ: хоҷагидорӣ ва кадр вобаста карда шаванд.

**/онишини Сардори Академия**
**оид ба илм: н.и.ҳ.: полковники милитсия** **Солиев К.Ҳ.**

**22.12.04.**